## 12 00 03 ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО
## 12 00 03 CIVIL LAW; ENTREPRENEURSHIP LAW, FAMILY LAW, INTERNATIONAL PRIVATE LAW

***УДК 341***
**DOI** *10.24412/2411-1945-2022-1-130-135*

# *ҲУҚУҚИ МИЛЛИИ ДАВЛАТИ ХОРИҶӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИҲУҚУҚИ ХУСУСИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ*

***Солиев Иброхимхуча Муродович** – мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *НАЦИОНАЛЬНОЕ ПРАВО ГОСУДАРСТВ КАК ИСТОЧНИК МЕЖДУНАРОДНОГО ЧАСТНОГО ПРАВА*

***Солиев Иброхимхуджа Муродович,** канд. юрид. наук, доцент зав. кафедрой судебного права и прокурорского надзора Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Таджикистан, Худжанд)*

# *NATIONAL LAW OF STATES AS A SOURCE OF PRIVATE INTERNATIONAL LAW*

***Soliev Ilkhomkhuja Murodovich**, candidate of judicial sciences, Associate Professor, head of the department of judicial law and prosecutor's supervision under the Tajik State University of Law, Business and Politics, (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:** sim.78@mail.ru*

***Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи хориҷӣ, ҳуқуқи миллӣ, сарчашмаи ҳуқуқ, ҳуқуқи хусусӣ, татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ, меъёрҳои ҳуқуқ, амсол*

*Масъалаи мафҳум ва хусусияти ҳуқуқи миллии кишварҳои хориҷӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи хусусии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Қайд гардидаст, ки дар таълимоти ҳуқуқтатбиқнамоӣ се мафҳум байни ҳам фарқ карда мешавад: «амсол», «қоидаи амсолӣ» ва «таҷрибаи судӣ». Дар асоси таҳлили адабиёти юридикӣ, таълимоти ҳуқуқии ватанӣ ва кишварҳои хориҷӣ собит карда шудааст, ки дар қаринаи инкишофи робитаҳои хоҷагидории байналмилалӣ масъалаи мавриди таҳлил барои иштирокдорони муносибатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва ҳуқуқӣ-хусусӣ аҳамияти калони амалӣ дорад.*

***Ключевые слова:** Республика Таджикистан, иностранное право, национальное право, частное право, источники права, применение иностранного права, нормы права, прецеденты*

*Исследуются понятие и сущность национального права зарубежных стран как источник международного частного права Республики Таджикистан. Отмечается, что в доктрине юриспруденции существует три понятия: «прецедент», «прецедентные правила» и «судебная практика». На основе анализа юридической литературы, отечественной правовой доктрины*

*и зарубежных стран указывается, что в контексте развития международных экономических отношений заявленная проблема имеет большое практическое значение для участников международно-правовых и частноправовых отношений.*

***Keywords****: the Republic of Tajikistan, foreign law, national law, private law, sources of law, application of foreign law, legal norms, precedents*

*The article examines the concept and essence of the national law of foreign countries as a source of private international law of the Republic of Tajikistan. It is noted that in the doctrine of jurisprudence there are three concepts: "precedent", "precedent rules" and "forensic practice". On the basis of the analysis of juridical literature , domestic legal doctrine and those ones of foreign countries , the author points out that in the context of the development if international economic relations the declared issue is of great practical importance for the participants of international-legal and private legal relations.*

Категорияи «ҳуқуқи миллӣ» (ҳуқуқи дохилидавлатӣ) дар таҷрибаи танзими муносибатҳои ҷамъиятии бо унсури хориҷӣ мураккаб гардида васеъ истифода мегардад. Одатан ба чунин муносибатҳо муносибатҳои байналмилалии ҳуқуқӣ-хусусиро бо иштироки субъектони хориҷӣ, инчунин объектҳои берун аз юрисдикияи миллӣ қарор гирифта, фактҳои ҳуқуқии дар хориҷа ба вуҷуд омада ва чун асоси ба вуқӯъ омадани муносибатҳои дахлдор гардидаро мансуб медонанд [4, 30-31]. Барои танзими ин гуна муносибатҳо истифодаи танҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ-миллӣ нокифоя мебошанд. Илова бар ин баъзан доираи меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ низ басанда намебошад. Дар аксарияти ҳолатҳо ҳуқуқтатбиққунанда ба меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ муроҷиат менамояд, зеро татбиқи онро қонунгузории граждании пешбинӣ менамояд. Баробари ин меъёрҳои коллизионии миллӣ судро уҳдадор менамояд то мундариҷаи ҳуқуқи хориҷиро мувофиқи маънидодкунии расмӣ, таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ в таълимоти ҳуқуқии дар кишвари хориҷӣ ташаккул ёфта татбиқ намояд [2]. Вобаста ба ин дуруст маънидод намудани мундариҷаи ҳуқуқи хориҷӣ, ки дар ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ чун ҳуқуқи миллии кишвари хориҷӣ арзёбӣ мегардад, аҳамияти калон дорад. Судяҳои Олмон ва Фаронса таркиби қонунгузории хешро дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ аз лиҳози волоияти қонуни ин кишварҳо арзёбӣ мекунанд. Дар фаҳмиши ҳуқуқтатбиққунандагони кишварҳои ҳуқуқи континенталӣ таркиби қонунгузорӣ дар воқеъ ба дарки низоми меъёрҳои қонунгузории аз тарафи мақоми олии қонунгузор қабул намуда мувофиқ мебошад. Ҳуқуқтатбиққунандаи кишварҳои низоми ҳуқуқии англо–саксонӣ баракс ба мафҳум ва таркиби қонунгузорӣ фаҳмиши куллан фарққунандаро мегузорад. Ба андешаи онҳо меъёрҳои танзимкунанда табиати бавуҷудоии маҳз судиро соҳиб мебошанд. Маҳз натиҷаи меъёрэъҷодкунии судӣ чун унсури асосии қонунгузории кишварҳои низоми ҳуқуқии англо–саксонӣ баромад менамояд [1, 106-107]. Аз ин рӯ масъалае ба миён меояд, ки оё истифодаи истилоҳи «қонунгузорӣ» дар фаҳмиши ягонаи он дар низомҳои ҳуқуқии гуногун дуруст аст?

Аз нуқтаи назари амалӣ мувофиқи мақсад аст муносибати таълимотро нисбат ба арзёбии сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии хориҷӣ бо назардошти анъанаҳои ташаккулёфтаи муосири сарчашмаи ҳуқуқ, аз қабили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амсоли судӣ ва одатҳои ҳуқуқӣ фарқ намуд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шакли маъмули низоми ҳуқуқии романо-олмонӣ дониста мешавад. Ҳангоми бастани қарордоди савдои хориҷӣ контрагентон дар хотима банди ҳуқуқи татбиқшавандаро бо назардошти муқаррароти таълимоти ҳуқуқии

хеш пешбинӣ менамоянд. Ҳамин тавр, субъектони ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Руссия аз муносибати якхела нисбат ба фаҳмиши таркиби қонунгузории миллӣ кишвари хеш бармеоянд. Ин ҳолат ба намояндагони як оилаи ҳуқуқӣ, як анъана ва дарки қонунгузорӣ чун шакли ҳуқуқ хос мебошад. Лекин контрагентони ба оилаи ҳуқуқи мухталиф мутааллиқ буда бояд фарқро дар фаҳмиш ва маънидод кардани сарчашмаҳои анъанавӣ дарк намоянд. Дар ин маънӣ дар оилаи ҳуқуқи романо-олмонӣ санади меъёрии ҳуқуқӣ (қонун) ва дар оилаи ҳуқуқи англо-саксонӣ бошад сарчашмаи ҳуқуқи миллӣ амсоли хусусияти судӣ ва ё маъмурӣ дошта баромад менамояд. Дар чунин маврид дуруст мешавад, агар дар қисми хотимавии қарордодҳо ишора на ба татбиқи ҳуқуқи хориҷии контрагент, балки нишондоди шартномаи байналмилалии танзимкунандаи муносибати дахлдори иштирокдорони шартномаи мазкур истифода гардад.

Нисбатан баҳодиҳии ҳуқуқи миллии ҷомеаҳои анъанавӣ, ба монанди низоми ҳуқуқи мусалмонӣ, ҳуқуқи шарқи дур ва диг. мушкилтар аст. Дар ин кишварҳо ду низоми мувозини ҳуқуқи миллӣ арзи вуҷуд дорад: низоми анъанавии хоси ин ҷомеа ва низоми ҳуқуқии дунявӣ. Маъмулан аксар вақт низоми ҳуқуқии дунявӣ ба низоми ҳуқуқи мамлакатҳои минтақаи Аврупо нигаронида аст. Гузашта аз ин, дар ҳар ҳолати мушаххас самтгирӣ ба низоми анъанавии аврупоӣ вобаста аз мансубият ба ҳуқуқи романо-олмонӣ ва ё англо-саксонӣ фарқ мекунад. Муносибат ба арёбии амалии қонунгузории дохилии ин ҷомеаҳо бетағйир боқӣ мемонад: Баста шудани қарордод ва ташаккул додани муқаррароти хотимавӣ оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда бояд на меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузории миллии контрагентон, балки иқтибосҳои дар шартномаҳои байналмилалӣ овардашуда, мавриди истифода қарор гирад.

Хусусияти қонунгузории миллии нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқӣ-хусусӣ татбиқшаванда ҳамчунин ба тартиби гуфтушунид ҳангоми мураттабсозии қарордоди иқтисоди хориҷӣ низ дахл дорад. Сухан дар бораи хусусияти рафтори контрагентон дар вақти бастани қарордод меравад. Аксаран ин ҳолат хусусияти ҳуқуқӣ надорад, балки бештар ба психологияи ҳуқуқӣ дахл дорад. Баробари ин қонунгузории як қатор кишварҳо ба таври меъёрӣ дар бораи қоидаҳои рафтор дар вақти бастани қарордодҳо ва дигар намуди шартномаҳо ёдрас намудааст. Масалан, моддаи 6 КГ Фаронса принсипи «поквиҷдонӣ»-ро ҳангоми бастани шартнома пешбинӣ намудааст.

Фаҳмиши санади меъёрии ҳуқуқӣ чун сарчашмаи ҳуқуқи миллӣ дар дохили низоми ҳуқуқии мутааллиқ ба як оилаи ҳуқуқӣ низ фарқ мекунад. Масалан, дар Фаронса қонуни асосӣ салоҳияти васеи меъёрэъҷодкуниро на фақат ба Парлумон, балки боз ба Шӯрои Вазирон ва Шӯрои давлатӣ пешниҳод намудааст. Дар натиҷа мафҳуми санади меъёрии ҳуқуқӣ, мисли мундариҷаи он шарҳу маънидодкунии амиқро талаб мекунад. Дар Испания қонуни асосӣ низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии қувваи юридикии гуногун дошта – аз қонунҳои табиӣ, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро мустаҳкам менамояд, то қонунҳои бунёдӣ, ки қисми ваколатҳои қонунгузориро ба ҳукумат мегузаронад, пешбинӣ намудааст [5, 66-67].

Дар натиҷа ба мутахассисони соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар сохтор ва мундариҷаи қонунгузории дохилии ҳатто як оилаи низоми ҳуқуқӣ сарфаҳм рафтан хеле мушкил мебошад. Бо ин сабаб нақши танзимкунии ҳуқуқи хориҷӣ, чун воситаи имконпазири ҳалли баҳсҳои ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ суст шуда истодааст. Тавре ки маълум аст, самти рушдёфтаи соҳаи мазкур, муносибатҳои савдо ба ҳисоб меравад. Далели гуфтаҳои мазкур таҷрибаи татбиқи меъёрҳои Муоҳидаи СММ «Дар бораи хариду фурӯши байналмилалӣ» аз соли 1980 ба шумор меравад. Мутаассифона, чунин сатҳи танзими меъёриро дигар соҳаи ҳуқуқи хусусии

байналмилалӣ доро намебошад. Аз ин лиҳоз масъалаи татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ дар давраи муосир аҳамияти хоса дошта, зарурати коркарди таълимотии муносибати умумии дарки ҳуқуқи хориҷӣ аз нуқтаи назари оилаҳои гуногуни низоми ҳуқуқ ба миён меояд.

Аҳамияти хосаро мафҳуми амсоли судӣ чун сарчашмаи асосии низоми ҳуқуқи англо-саксонӣ пайдо менамояд. Танзими муносибатҳои бо унсури хориҷи мураккаб гардида дар давлатҳое, ки низоми ҳуқуқии англо-саксонӣ дорад, каме фарқ мекунад. Санадҳои қонунгузорӣ дар давлатҳои мазкур мисли пештара нақши камаҳамият доранд. Асосан ин муносибатҳо тавассути амсоли (претседенти) судӣ танзим карда мешаванд.

Солҳои охир ҳатто дар ин давлатҳо низ нақши танзими қонунгузории муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ боло бурда мешавад. Британияи Кабирро дар ин масир ба Иттиҳоди Аврупо шомил шуданаш мусоидат намуд. Санадҳои аз тарафи ин Иттиҳод қабулшаванда барои тамоми аъзояш ҳатмӣ буда, бо мақсади амалигардонии онҳо давлатҳои аъзо, аз ҷумла Британияи Кабир ӯҳдадор мешаванд, ки санадҳои дохилии худро қабул намоянд.

Дар ИМА ва Британияи Кабир кодификатсияи хусусии амсолҳои судӣ аҳамияти калон дорад. «Кодификатсияи амсоли судӣ дар Англия дар курси Дейси, дар ИМА «Маҷмӯаи қонунҳо оид ба низои қонунҳо» аз солҳои 1934 (ҷилди I) ва 1974 (ҷилди II), ки аз тарафи Институти ҳуқуқи Амрико мураттаб гардида, оварда шудааст» [6, 61-66].

Ҳамзамон, дар ИМА метавон ҷаҳишҳои муҳимро дар танзими қонунгузории муносибатҳои хусусияти ҳуқуқӣ-хусусидошта мушоҳида намуд. Соли 1962 дар ИМА Кодекси ягонаи савдо қабул гардид, ки қувваи ҳуқуқии он ба тамоми иёлатҳо паҳн мегардид. Соли 1976 бошад Қонун «Дар бораи масунияти давлатҳои хориҷӣ» ба тасвиб расид. Иёлатҳои алоҳидаи ИМА, масалан, Луизиана дар соли 1991 Қонун «Дар бораи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ»-ро қабул намуданд, ки аз 2 январи соли 1992 ба эътибор даромад.

Гуфтаҳои боло аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар мамлакатҳои дорои низоми ҳуқуқи англо-саксонӣ нақши танзими қонунгузории муносибатҳои унсури хориҷидошта баланд гардида истодааст. Ин ҳолат бо он асоснок карда мешавад, ки мамлакатҳои дорои низоми ҳуқуқи англо-саксонӣ иштирокдори муоҳидаҳои сершумори байналмилалӣ ва минтақавӣ ба ҳисоб мераванд ва барои татбиқу амалигардии онҳо дар дохили давлат қабул намудани санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ талаб карда мешавад.

Одатан зери амсоли ҳуқуқӣ қарорҳои судӣ ва ё маъмуриеро, ки аз рӯи он субъекти муносибати ҳуқуқии дахлдор бояд рафтор намояд, мефаҳманд. Баъзе олмон мафҳумҳои «амсол» ва «қоидаи амсолӣ»-ро фарқ менамоянд. Дигар муҳаққиқон ба сифати категорияҳои мустақил «таҷрибаи судӣ» ва «амсол»-ро баррасӣ менамоянд.

Дар чунин номуайянии таълимотӣ субъекти ҳуқуқтатбиқнамоӣ бо душворӣ қарори лозимаи марбут ҳам ба муайян намудани мундариҷаи меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ ва ҳам ба танзими бевоситаи муносибатҳои бо унсури хориҷиро қабул менамояд.

Тавре ки аз адабиёти ҳуқуқӣ бармеояд, дар таълимоти ҳуқуқтатбиқнамоӣ бояд се мафҳум байни ҳам фарқ карда шаванд: - «амсол», «қоидаи амсолӣ» ва «таҷрибаи судӣ».

Алоқаманд намудани амсол бо қарори судӣ хоси намояндагони кишварҳои мансуб ба оилаи ҳуқуқи романо-олмонӣ мебошад. Маҳз онҳо ба баррасии низоми ҳуқуқи амалкунанда аз лиҳози мавҷудияти сарчашмаи расмии ҳуқуқ одат кардаанд. Ба ақидаи онҳо қарорҳои судӣ сарчашмаи мустақили ҳуқуқ, дорои мундариҷаи меъёрӣ ба монанди қонун ва ё ҳамагуна дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар низоми ҳуқуқи романо-олмонӣ мавҷуд буда, баҳо медиҳанд. Ба ақидаи олимон – пайравони одатҳои ҳуқуқи романо-олмонӣ, табиати якхелаи меъёрӣ доранд, лекин аз лиҳози

қонунгузорӣ ва шакли ифода фарқ мекунад. Аз ин сабаб муаллифон амсоли судиро ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи романо-олмонӣ, аз ҷумла ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мекунанд, ҳол он ки сухан дар бораи табиати куллан фарққунанда дар намуди таҷрибаи ҳуқуқи миллии кишвари хориҷӣ меравад. Барои он ки амсоли ҳуқуқӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намояд, низоми арзишҳои анъанавии ҳуқуқиро бояд тағйир дод. Одату анъанаҳои хоси кишварҳои низоми англо-саксонӣ, ки новобаста ба равандҳои кодификатсиякунонӣ, табиати амсолии хешро гум накарданд, айнан дорои чунин ҳолат мебошанд [3, 22-26].

Ҳамин тариқ, бояд ду мафҳуми консептуалии на фақат хоси унсурҳои гуногуни оилаи ҳуқуқи англо-саксонӣ, балки боз тартиби муайяни дарки нақши амсол ва қоидаи амсолиро дар таҷрибаи ҳуқуқи хусусии байналмилалиро фарқ намуд. Мо қоидаҳои амсолиро дар вақти баррасии баҳси гражданӣ-ҳуқуқӣ дар суди байналмилалӣ, инчунин судҳои ҳакамӣ истифода намебарем. Ин қоида инчунин ба таҷрибаи фаъолияти судҳо миллӣ, агар албатта сухан оид ба судҳои англо-саксонӣ наравад, дахл дорад.

Дар моддаи 1193 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ омадааст, ки суд ё мақоми дигари ваколатдор ҳангоми татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ мазмуни меъёрҳои онро тибқи тафсири расмӣ, таҷрибаи татбиқ ва доктрина дар давлати хориҷии дахлдор муқаррар мекунад [2].

Ҳамин тавр, таҷрибаи судӣ на дар ҳамаи мамлакатҳо чун сарчашмаи мустақили ҳуқуқӣ эътироф мегардад. Он мумкин аст ба таври хоса дар низоми ҳуқуқии мамлакатҳо оварда шавад. Таърифи истилоҳӣ ва мундариҷавии падидаи мазкур барои он лозим аст, ки байни истилоҳи «амсоли судӣ» ва «таҷрибаи судӣ» фарқ гузошта шавад. Амсоли судӣ дар сохтори ҳуқуқи миллии кишварҳои низоми англо-саксонӣ падидаи мустақилро ташкил медиҳад. Истифодаи меъёрҳои амсолӣ дар сатҳи миллӣ ҳангоми татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ рух медиҳад. Баробари ин таҷрибаи судӣ ба сифати падида дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи миллӣ на ҳама вақт вомехурад ва истифодаи он аз хусусиятҳои ҳуқуқи хориҷӣ вобаста мебошад. Агар сухан дар бораи таҷрибаи судии аз ҷониби мақомҳои судии байналмилалӣ коркарда шуда равад, пас падидаи мазкур хусусияти мустақилро дошта, дар доираи ҳуқуқи миллии давлатҳои воҳиди алоҳидаро ташкил намедиҳад. Таҷрибаи судии байналмилалӣ – падидаи дигар буда, ба сифати сарчашмаи алоҳидаи ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ арзёбӣ карда мешавад.

Аксар вақт таълимоти ҳуқуқӣ ба сифати падидаи муҳимми низоми қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ баромад менамояд. Ин шакли ҳуқуқ ба сифати сарчашмаи мустақили ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ эътироф намешавад, вале метавонад ба сохтори ҳуқуқи дохилидавлатии кишварҳои хориҷӣ ворид гардад ва дар ин сурат татбиқи таълимоти ҳуқуқӣ барои суд ва ё дигар мақоми юрисдиксионӣ ҳатмӣ мешавад. Аз як тараф, бино ба нишондоди моддаи 1193 КГ ҶТ суд вазифадор аст мундариҷаи ҳуқуқи хориҷиро аз рӯи таълимоти ҳуқуқии дар қаламрави кишвари хориҷӣ ташаккулёфта татбиқ намояд. Аз тарафи дигар, таълимоти ҳуқуқӣ таркиби ҳуқуқи дохилидавлатиии кишвари хориҷиро ташкил намуда худ сарчашмаи ҳуқуқе, ки барои аз тарафи мақоми судии хориҷӣ барои татбиқ ҳатмӣ буда баромад намояд. Ҳалли ин ҳолат ба назари мо чунин шуда метавонад. Суд аз аввал аз баҳодиҳии таркиб ва сохтори ҳуқуқи миллии кишвари хориҷӣ бояд барояд. Танҳо баъди ин метавонад мундариҷаи ҳуқуқи хориҷиро тибқи таҷриба ва таълимоти ҳуқуқии ин кишвар, тибқи нишондоди модда 1193 КГ ҶТ ба назар гирад. Агар таълимот ба таври расмӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи хориҷӣ баромад намояд, чи тавре, ки дар низоми ҳуқуқи англо-саксонӣ мавҷуд аст, пас арзёбии меъёри ҳуқуқи англо-саксонӣ дигар хел анҷом дода мешавад, яъне аз лиҳози татбиқи меъёр дар шароити

татбиқи меъёрҳои амсолӣ ба амал баровvarда мешавад.

Дар хулоса қайд намудан лозим аст, ки масъалаи мафҳум ва хусусияти таркиби ҳуқуқи миллӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ дар таълимоти ҳуқуқии кишвар ба таври бояду шояд таҳқиқ нагардидааст. Бо назардошти он, ки дар шароити рушди робитаҳои хоҷагидории байналмилалӣ ин масъала барои иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқӣ-хусусии байналмилалӣ аҳамияти калони амалӣ дорад, он мубрамияти махсус касб мекунад.


***Пайнавишт:***

1. *Егоров А.В. Внутреннее право иностранных государств как источник международного частного права / А.В. Егоров. Текст: непосредственный // Журнал российского права. – 2018. - №6. – С.106 - 107.*
2. *Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми сеюм) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2005, №3, мод. 124; 2012, №7, мод. 690. Матни электронӣ.*
3. *Немцова В.Б. Судебный прецедент – источник российского права / В.Б. Немцова. Текст: непосредственный // Вестник Омского университета. Серия: Право. 2010. №2. – С.22-26.*
4. *Солиев И.М. Применение иностранного права в Республике Таджикистан / И.М. Солиев. Текст: непосредственный. – Худжанд: Ношир, 2015. – 176 с.*
5. *Фролов Г.М. Конституции государств Европейского союза / Под ред. и со вступ. ст. Л.А. Окунькова. - Москва: ИНФРА-М: Норма, 1997. – 804 с. Текст: непосредственный.*
6. *Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Воситаи таълимӣ /Муҳаррири масъул: н.и.ҳ. дотсент Раҷабов М.Н. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 264 с. Матни бевосита.*

***Reference Literature:***

1. *Yegorov A. V. Internal Right of Foreign States as a Source of International Private Law// A.V Yegorov Text: Direct// The Journal of Russian Law – 2018, №6 – pp. 106-107*
2. *Civil Code of Tajikistan Republic. Part three// Tidings of Tajikistan Republic* ***Majlisi Oli****. 2005, №3, module 124; 2012, №7, module 690. Electronic Text*
3. *Nemtsova V.B. Forensic Precedent as a Source of Russian Law// V.B. Nemtsova. Text: Direct/ Bulletin of Omsk University. Series: Law. 2010, №2 – pp. 22-26*
4. *Soliyev I.M. Application of Foreign Law in the Republic of Tajikistan//I.M Soliyev. Text: Direct. – Khujand: Publisher, 2015 – 176 pp.*
5. *5. Frolov Y.M. Constitutions of European Union States // Under the editorship and with the introductory article of L.A. Okunkov. – Moscow: INFRA-M: Norm, 1997- 804 pp. Text: Direct*
6. *International Private Law. Educational text-book // Editor-in- charge: candidate of judicial sciences, Associate Professor Radjabov M.N.- Dushanbe: Er – Graph, 2018,- 264 pp. Text: Direct*